***УДК 4 тоҷ***
***ББК 92Я2 67.99***

***Ш.Ю. КЕНҶАЕВ***

# КОНСТИТУТСИЯ – ОМИЛИ МУСТАҲКАМКУНАНДАИ СОҲИБИХТИЁРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сокинони давлати соҳибихтиёр санаи 6-уми ноябри соли 1994 санади тақдирсози худ - Конститутсияи (Сарқонуни) Тоҷикистонро бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул намуданд. Инак, 20 сол аст, ки шаҳрвандони Тоҷикистон сарнавишти худро тибқи муқаррароти ин ҳуҷҷати воқеан тақдирсози кишвар муайян намуда, самтҳои тараққиёти ҳамаи соҳаи зиндагиашонро муайян намуда, пеш мебаранд.

Зарурат ва аҳамияти қабулшавии Конститутсияи кишварро дар бунёди давлатдории миллӣ Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муроҷиатномаи худ ба мардуми шарифи Тоҷикистон 12 декабри соли 1992 таъкид намуда, иброз дошт, ки «асоси қонунҳои Тоҷикистонро нав карда, онро бо назардошти меъёрҳои байналхалқӣ такмил дода, барои бунёди давлати демократии ҳуқуқбунёд замина гузоштан лозим аст» (5).

Агар ҳуқуқи ҷамъияти қадим ва асрҳои миёна - ҳуқуқи ақаллияти имтиёзноки аҳолӣ бошад, пас дар даврҳои минбаъда санади ҳуқуқие қабул мешаванд, ки дар ташаккулу инкишофи ҳуқуқи инсон саҳми арзанда мегузоранд, аз қабили Хартияи Бузурги Озодӣ (с.1215), Билл оид ба ҳуқуқҳо (с.1689), Эъломияи амрикоии Вирҷиния (с.1776), Эъломияи истиқлолияти ИМА (с.1776), Конститутсияи ИМА (с.1787). Дар асри ХХ қабули санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ идома ёфтанд, санадҳои зерини ҳуқуқӣ мисоли он шуда метавонанд: Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (1948), паймонҳо, муоҳидаҳо оид ба ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ ва ғайраҳо. Конститутсияи соли 1994-и Тоҷикистон низ яке аз дастовардҳои азими мардуми Тоҷикистон буда, таҳкурсии бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаро гузошт, ки имрӯз баҳри ифодаи ҳуқуқии хусусияти давлатдории миллии тоҷикон дар арсаи байналхалқӣ нақши хосаеро доро мебошад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дурнамои пешрафти халқи Тоҷикистон буда, вазифаи аввалиндараҷаи он - пойдории сулҳ дар Тоҷикистон ва бунёди ҷомеаи адолатпарвар дар дебоҷаи он таъйин шудааст.

Дар ҷашни 15-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарвари давлат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карда буд, ки Конститутсияи нави Тоҷикистони соҳибихтиёр ин санади ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва таърихие, ки он қувваи олии ҳуқуқиро доро буда, дар он манфиату иродаи халқу давлат таҷассум ёфта, таҳкурсии ҳуқуқии ҷамъият эътироф карда шуда, он дастовардҳои миллӣ, муқаддасоти миллӣ, андешаи давлатдории

миллӣ, истифода ва татбиқи васеи анъанаҳо ва осори таърихии миллиро таъмин менамояд (7). Конститутсия ғояҳоеро мустаҳкам менамояд, ки онҳо таҷассумкунандаи асосҳои сохтори конститутсионӣ ва татбиқкунандаи мақсад, вазифа ва сиёсати давлат аст. Қабули саривақтии қонуни асосии кишвар ва мутобиқ сохтани он ба талаботи замон кафолати зарурии инкишофи таърихӣ, нишонаи рушди ҳуқуқ аст (4).

Конститутсия ҳамчун ҳуҷҷати сиёсӣ мазмуни ба худ хосеро доро буда, дар он шакли ҳуқуқии масъалаҳои мубрами марбут ба соҳибихтиёрии давлат, шакли он, тарзҳои ташкили ҳокимияти давлатӣ, сохтори давлат, ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд ва шаклҳои гуногуни моликият муайян ва кафолат дода шудааст. Меъёрҳои конститутсионӣ барои фаъолияти мақомотҳои давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор, инсон ва шаҳрвандон сарчашма ба ҳисоб рафта, меъёрҳои конститутсионӣ дар бисёр маврид баҳри муайяннамоии усулҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлат, аз ҷумла сиёсати хориҷии давлат равона карда шудаанд.

Соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон ба қабули конститутсияи навини он асос гардида, хусусиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ эълон намуд. Сарчашмаи асосии Конститутсияи нави Тоҷикистон Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистон (соли 1990-1991) аст, ки дар он ба таври сиёсӣ-ҳуқуқӣ соҳибихтиёрии давлатии Тоҷикистон эълон гардидааст. Маҳз дар ин эъломия бори нахуст эълон карда шудааст, ки дар марзи Тоҷикистон волоияти Конститутсия ва қонунҳо амал мекунад.

Мавқеи конститутсия дар муайян ва равон кардани мазмуни қонунҳои сершумор ва санадҳои ҳуқуқии Тоҷикистон бо роҳи татбиқи асосҳо ва заминаҳои муқаррааргардида хеле калон аст. Аз ин рӯ, конститутсия ва меъёрҳои он дар ташаккулёбии низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузории Тоҷикистон, дар пойдор гардидан ва камолоти давлатдорӣ дар Тоҷикистон аҳамияти муайянкунандае дорад. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар китоби худ «Тоҷикон дар оинаи таърих» чунин қайд намудаанд: «Давлати соҳибихтиёри тоҷикон фаъолияти худро тавассути Конститутсия ба роҳ мемонад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил низоми ҳуқуқии худро доро буда, дар он конститутсия мавқеи асосиро ишғол намуда, ба ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ таъсир мерасонад» (8, с.42). Тавассути моддаи 1-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, ҳуқуқбунёд, демократӣ, дунявӣ ва ягона эълон карда шудааст.

Ташаккули давлати соҳибихтиёри Тоҷикистон заминаи сиёсию ҳуқуқии худро дошта, марҳилаи моҳиятан ва сифатан нави инкишофи Тоҷикистон ба қабулшавии Конститутсияи соли 1994 вобастагӣ дорад. Бо роҳи райъпурсии умумихалқӣ қабул шудани Конститутсияи навини Тоҷикистон шаҳодати он аст, ки он мувофиқи мақсаду мароми халқ қабул карда шуда, меъёрҳояш барои ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои халқи Тоҷикистон равона карда шудаанд ва маҳз ин ҳолат ифодакунандаи мақсаду моҳияти Конститутсияи амалкунандаи Тоҷикистон аст.

Моҳияти Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи манфиат ва иродаи халқи Тоҷикистон буда, мувофиқи он меъёрҳое муқаррар карда шудаанд, ки таркиби сохтори ҷамъият, сохтори давлат ва низоми мақомоти давлатӣ, ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, вазъи ҳуқуқии шахсони мансабдор ва доираи салоҳиятҳои онҳоро муайян менамояд.

Конститутсия на танҳо қонуни асосӣ, балки санади махсуси ҳуқуқиест, ки бо эътибори олии ҳуқуқӣ ва махсусияти худ аз дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ фарқ мекунад, ки ин хусусиятҳо ҳамчун сарчашмаи ягонаи қонунгузории Тоҷикистон конститутсияро мустаҳкам намуда, мутобиқати дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқиро ба конститутсия тақозо менамояд, ки ин хусусият тавассути моддаи 10-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода шудааст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои сохтори конститутсионии Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ мустаҳкам намуда, тағийрнопазирии онро дар шакли идораи ҷумҳуриявӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлатро кафолат медиҳад. Меъёрҳои конститутсияи Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро кафолат дода, дар худ падидаҳои конститутсионӣ, ба мисли баробарҳуқуқии инсон, арзиши олӣ доштани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, дахлнопазирии шахсият, соҳибихтиёрии халқ, кафолати ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва принсипҳои инсондӯстӣ, дар асоси принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ тартиби ташкил ва фаъолияти мақомоти давлатиро таҷассум менамояд.

Ворид намудани тағйироту иловаҳо 22 июли соли 2003 баргузоршавии райъпурсии умумихалқӣ барои зоҳирёбии муҳимтарин рукнҳои ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, яъне таҷассуми арзиши олии ҳуқуқ ва озодиҳо дар Конститутсия равона гардидааст. Аз ҷумла дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳо бо ифодаёбии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд зикр ёфтаанд, ки дар моддаи 17 он чунин омадааст: «Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд» ё ин ки дар моддаҳои 18, 19, 20, 21 хусусиятҳои инсондӯстии меъёрҳои Конститутсияи Тоҷикистон мустаҳкам гардидааст. Тағйиру иловаҳо ба Конститутсия танҳо ба Тоҷикистон хос набуда, ҷузъи ҷудонашавандаи амалия ва таҷрибаи конститутсионии ҷомеаи ҷаҳон аст. Масалан, дар Маҷористон дар тӯли 5 сол 1989-1994 10 фоизи матни Конститутсия тағйир дода шуд, ё ин ки дар тӯли 220 сол дар Олмон ба 120 нуктаи конститутсия тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст (2).

Халқи Тоҷикистонро бахту саодати бузурге насиб гардидааст, ки соҳиби чунин Конститутсияи сазовор ҳастанд, зеро он аз ҷониби олимон, коршиносон, аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ба ҳайси яке аз намунаҳои конститутсияи демократии ҷаҳонӣ пазируфта шудааст. Ин баҳогузориро нисбат ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чунин баён намудаанд: «Конститутсия нишонаи нахустин ва муҳимтарини соҳибихтиёрии давлат буда, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ, созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва давлатҳои дигар эътироф гардидани соҳибихтиёрии он аз ҳамин ҳуҷҷати тақдирсоз сарчашма мегирад» (6).

Ҷашни 20-умин солгарди Конститутсияи Тоҷикистон барои мо ҳамчун ҷашни шаклгирии давлатдории миллии тоҷикон ва таҳкими амнияту суботи сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистон аҳамият ва шукӯҳи хосае дорад. Дар давоми ин солҳо халқи Тоҷикистон ҳамчун баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ сарнавишти худро тибқи ин ҳуҷҷати воқеан тақдирсоз муайян намуда, самтҳои тараққиёти худро дар ҳамаи соҳаҳо мушаххас гардонид. Аз ин нуқтаи назар тамоми дастовардҳоеро, ки тӯли 20-соли амалкарди Конститутсияи Тоҷикистон насиби халқу давлат гардидааст, натиҷаи хирад ва заковати азими халқи Тоҷикистон меҳисобем, зеро маҳз бо иродаи аксари мутлақи мардуми ин сарзамини куҳанбунёд имрӯз кишвари моро дар ҷаҳони муосир ҳамчун давлати соҳибихтиёру ҳуқуқбунёд ва демокративу иҷтимоӣ эътироф мекунанд ва мавқеи онро ҳангоми ҳаллу фасли масоили умдаи байналмилалӣ ба инобат мегиранд.

***Калидвожаҳо**: Конститутсия, шакли давлат, соҳибихтиёрӣ, демократия, давлати ҳуқуқбунёд, волоияти қонун, меъёрҳои Конститутсия, райъпурсӣ*

***Пайнавишт:***

1. *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994 бо тағйироту иловаҳои 1999,2003. -Душанбе: Ирфон, 2003. -32 с.*
2. *Конститутсияи Олмон. 16 Конститутсияи давлатҳои мутараққӣ. –Москва, 2009.- 234 с.*
3. *Маҳмудзода, М. Конститутсия заминаи ташаккули низоми ҳуқуқии миллӣ // Маҷмӯи мақолаҳо. – Душанбе: Эр-граф, 2014. -593 с.*
4. *Маҳмудов, М.А., Сотиволдиев Р.Ш. Конститутсия заминаи давлатдории миллӣ // Садои мардум. - №52, аз 10.06.2003.*
5. *Раҳмон, Эмомалӣ. Мурожиатнома ба мардуми шарифи Тоҷикистон аз 12 декабри соли 1992. [манбаи электронӣ] http://president.tj*
6. *Раҳмон, Эмомалӣ. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҶТ соли 2013. Аз 24 апрели соли 2013. [манбаи электронӣ]: http://president.tj*
7. *Раҳмон, Эмомалӣ. Суханронӣ дар ҷашни 15-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2009. [манбаи электронӣ]: http://president.tj*
8. *Раҳмон, Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих. –Душанбе: Ирфон, 2000. - 342 с.*
9. *Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Шарқи озод, 2009.-519 с.*

***Reference Literature:***

1. *Constitution of Tajikistan Republic of 1994 with Alterations and Addenda. from 1999 and 2003. – Dushanbe: Irfon, 2003. -32 pp.*
2. *The Constitution of Germany. 16 Constitutions of Mighty States.- Moscow, 2009. – 519 pp.*
3. *Makhmudzoda M. Constitution as a Basis of Formation of the National Law System// Collection of articles. – Dushanbe: Er- Graf, 2014. – 593 pp.*
4. *Makhmudov M.A., Sativoldiyev R. Sh. Constitution as a Foundation of National Statehood // **Sadoi Mardum** (The Voice of the People)**,** #52 from June 10, 2003.*
5. *Rakhmon, Emomali. Appeal to the People of Tajikistan from December 12, 1992 / [Electronic resource] http://president.tj*
6. *Rakhmon, Emomali. The Speech at the Celebration of the 15-th Anniversary of the Constitution of the Republic from November 5, 2009 [Electronic resource] http://president.tj*

7. *Rakhmon, Emomali. Tajiks in the Mirror of History. –Dushanbe: Irfon, 2000. – 342 pp.*
8. *Rakhmon, Emomali. Tajikistan Republic President`s Message to RT **Majlisi Oli** from April 24, 2013. [Electronic resource] http://president.tj*
9. *Commentaries to Tajikistan Republic Constitution. – Dushanbe: **Sharki Ozod** (Freedom of the Orient), 2009. – 519 pp.*

### *Конституция – фактор упрочения суверенитета Республики Таджикистан*

***Ключевые слова**: Конституция, форма государства, суверенитет, демократия, правовое государство, верховенство закона, нормы Конституции, референдум*

*Республика Таджикистан как суверенное, правовое, демократическое и унитарное государство 6 ноября 1994 года путём референдума приняла Конституцию. Конституция как Основной Закон государства защищает суверенитет государства. Данная статья посвящена одной из актуальных проблем юриспруденции, которая освещает роль Конституции в развитии и укреплении суверенитета Республики Таджикистан. Автор статьи раскрывает роль Конституции Республики Таджикистан в годы независимости. Нормы Конституции отражают признаки суверенитета государства, на основе которого в современном мире международное сообщество признаёт Республику Таджикистан как независимое государство.*

### *Constitution as a Factor of Consolidation of Tajikistan Republic Sovereignty*

***Key words**: Constitution, form of state, sovereignty, democracy, law-abiding state, supremacy of law, norms of Constitution, referendum*

*As a sovereign, law-abiding, democratic and unitarian state Tajikistan Republic adopted the Constitution by means of referendum on Nowember 6, 1994. As the basic law of the state the Constitution advocates the sovereignty of the state. The article dwells on one of the actual problems of jurisprudence which highlights the role of Constitution in the development and consolidation of Tajikistan Republic sovereignty. The author of the article discloses the role of the Constitution in the years of independence. The norms of the Constitution reflect the signs of sovereignty on the basis of which the international community recognizes Tajikistan Republic in the contemporary world as an independent state.*

***Роҷеъ ба муаллиф:***

***Кенҷаев Шӯҳрат Юсуфович,** номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсенти кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд), e-mail: shukhrat-1975@mail.ru*

***Сведения об авторе:***

***Кенджаев Шухрат Юсуфович,** канд. юрид. наук, доцент кафедры теории государства и права Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (Республика Таджикистан, г. Худжанд), e-mail: shukhrat-1975@mail.ru*

***Information about the author:***

***Kenjayev Shukhrat Yusufovich,** candidate of juridical sciences, Associate Professor of the department of the theory of state and law under the Tajik State University of Law,Business and Politics (Tajikistan, Khujand), e-mail: shukhrat-1975@mail.ru*